# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Гадоев Каримҷон Хайруллоевич ба диссертатсия ва автореферати Шамсова Бибихосият Қудратовна дар мавзуи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Яке аз масъалаҳои мубраме, ки солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар диққати ҳамагонро ба худ ҷабл намудааст, таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус забонҳои русӣ ва англисӣ ба шумор меравад. Донистани забонҳои хориҷӣ яке аз талаботи асосӣ нисбат ба муттахасисони оянда дар бозори меҳнати ватанӣ ва хориҷӣ гаштааст. Ин ҳолат на танҳо дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон, балки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бар аъло ба мушоҳида мерасад.

Ба миён овардани забондонии муттахасисони имрӯза ва ояндаи кишвар робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои хориҷи наздику дур дар самти сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, маориф, тиб ва боз ҳам зич мегардонад. Равобити мазкур сабаби пешрафти соҳаҳои гуногуни мамлакат хоҳад гашт.

Мавзуи илмӣ-таҳқиқотие, ки Шамсова Бибихосият Қудратовна интихоб намудааст, яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба шумор рафта, барои ба низоми муайян даровардани таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Таҷрибаи педагогии чандинсолаи Б.Қ. Шамсова, ки бевосита ба таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодӣ равона шудааст, имкон дод, ки аз ибтидо то интиҳо дар ҷараёни таҳқиқот назария бо амалия якҷоя сурат гиранд.

Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулосаҳои бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Мазмуну мундариҷа ва муҳтавои қисматҳои кор бо ҳамдигар мантиқан алоқаманд буда, фарогири масъалаи таҳқиқ мебошанд. Унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки ҳам дар қисмати аввал ва ҳам дар қисмати дуюми кори илмӣ бештар ба масъалаи асосии мавзуи таҳқиқ, таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ ва ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён дар ин раванд таваҷҷуҳи худро равона сохта, аз доираи мавзуъ берун нашавад. Иқтибос шудани фикру ақида ва гуфтаҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, дар заминаи он пешниҳод намудани ақидаи худ, барои исботи фикрҳо пешниҳод сохтани далелҳои қатъӣ, арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам бештар мегардонад.

Мундаричаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба талаботҳои имрӯзаи таҳияи диссертатсияҳои илмӣ мувофиқат намуда, дар он мубрамии масъалаи таҳқиқшаванда, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуъ (предмет), фарзия, навгониҳои илмии таҳқиқот ва дигар ҷузъиётҳои муҳим дарҷ гардидаанд. Дар ин қисмати кор оид ба ҳолатҳои рафти таҳқиқот ва мухтавои умумии он маълумоти мухтасар пешниҳод карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «*Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ*» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад. Қисмати мазкури кор хусусияти назариявӣ дошта, атрофи таҳқиқи олимони ватанию хориҷӣ дар самти таълими истилоҳот, таҳқику таҳлили истилоҳоти иқтисодӣ, пайдоиши онҳо дар забони англисӣ, таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ дар забони англисӣ, мавқеи истилоҳоти касбии хориҷӣ дар раванди таълими забони англисӣ бо такя ба ақидаи олимони соҳа илман асоснок гаштааст.

Асарҳои илмии муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили Н.В. Баграмова, Б.В. Беляев, В.А. Бухбиндер, Е.И. Пассов, И.В. Раҳманов, Р. Оксфорд, И.М. Берман, С. Торнбери, С. Зиммерман ва олимони ватанӣ низ С.Н. Алиев, Х.Г. Сайфуллоев, П. Ҷамшедов, И.Х. Каримова, Г.М. Ҳоҷиматова, Ф. Шарифзода, Т.В. Гусейнова, Д.Д. Ҷумаева ва дигаронро метавон заминаи таҳқиқоти унвонҷӯ шуморид.

Таъкиди Б.Қ. Шамсова оид ба зарурати таълими истилоҳот ва мавқеи онҳо дар тадриси забони англисӣ бомаврид буда, дар ин қисмати кор ба хубӣ дарҷ гардидааст. Унвоҷӯ аз асари забоншиноси бритониёӣ Д. Вилкинс, муҳаққиқи дигар М. Люис иқтибос оварда, дар баробари азхудкунии сохтори забон (фонетика ва грамматика) муҳим донистани азхудкунии калимаю ибора ва воҳидҳои лексикиро мисол овардааст.

Таснифоти истилоҳоти иқтисодии забони англисӣ дар боби якуми диссертатсия хеле хуб ва ҷолиб пешниҳод гаштааст. Таъсири забонҳои лотинӣ, юнонӣ, фаронсавӣ, испанӣ, олмонӣ ва дигар забонҳо дар рушду устувор гардидани забони англисӣ таъкид гашта, давраҳои рушди забони англисӣ, пайдоиши иқтисод ҳамчун фанни мустақил оварда шудааст. Шарҳи мушаххаси истилоҳи иқтисод (economy), давраҳои пайдоиши ин мафҳум дар забони англисӣ, таснифоти истилоҳоти иқтисодӣ аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ, аз рӯи мундариҷа, аз рӯи категорияи мантиқӣ ва амсоли инҳо пешниҳод гаштааст.

Боби дуюми диссертатсия «*Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ*» унвон гирифта, дар бораи принсипҳо ва методҳои интихобу истифодаи истилоҳоти иқтисодӣ, меъёрҳои таълими истилоҳот дар ҷараёни таълим, маҷмӯи машқу супоришҳо дар таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ маъумлот пешниҳод гаштааст. Ташкили озмоиши таҷрибавӣ оид ба таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ ва ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён, таҳлили натиҷаҳои он низ дар боби мазкур оварда шудааст.

Ба инобат гирифтани принсипҳои таълим дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ муҳим арзёбӣ гашта, татбиқи онҳо ба натиҷаи азхудкунии забони англисӣ мусоидат мекунанд. Ин нукта низ дар диссертатсия таҷассум ёфта, ба инобат гирифтани принсипҳо ҳангоми интихоб, истифода ва таълими истилоҳоти иқтисодӣ аз ҷониби унвонҷӯ баён гардидааст.

Масъалаи дигаре, ки Б.Қ. Шамсова дар боби дуюм рӯи кор овардааст, таҳлилу баррасии маҷмӯи машқу супоришҳо ҳангоми таълими истилоҳоти англисии иқтисодӣ мебошад. Таснифи мафҳуми «машқ», намудҳои он, интихобу истифодаи машқҳо дар таълими истилоҳоти иқтисодӣ, афзалияту бартарияти навъҳои машқу супоришҳо ҳангоми омӯзонидани истилоҳоти иқтисодӣ бо забони англисӣ баррасӣ гаштааст.

Дар қисмати охири боби дуюм тамоми раваони озмоиши таҷрибавии таҳқиқот оварда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Ташкили озмоиши таҷрибавӣ имкон додааст, ки мақсаду вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот татбиқи амалии худро ёбанд ва асоснокии фарзияи таҳқиқот муайян карда шавад.

Шамсова Бибихосият Қудратовна дар самти таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодӣ таҷрибаи бойи педагогӣ дошта, дар рафти тақиқот корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст. Аз ҷумла, ба чоп расонидани 3 дастури таълимӣ-методӣ, 2 луғат ва 13 мақолаҳои илмӣ, ки 3 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, шаҳодат аз он медиҳад, ки унвонҷӯ масъалаи мавзуи таҳқиқотии диссертатсияро ба хубӣ таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Хулоса ва тавсияҳои Б.Қ. Шамсова оид ба истифодаи амалии натиҷаи тадқиқот имкон медиҳад, ки таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои иқтисодӣ боз ҳам такмил дода шуда, сатҳи азхудкунии забон боло бурда шавад.

Диссертатсияи Шамсова Бибихосият Қудратовна таҳти унвони «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши истилоҳоти иқтисодӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» аз рӯи мазмуну мундариҷа, ҳаҷм, миқдори маводҳои чопшуда ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шамсова Бибихосият Қудратовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ, н.и.п., дотсент — Гадоев Каримҷон Хайруллоевич

Имзои К.Х. Гадоевро тасдиқ мекунам, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода — Юсупова Б.Ғ.

05.01.2023